# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳамроев Қурбоназар Маҳмарасулович дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ-грамматикии истилоҳоти маориф дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», ки барои дарёфти дараҷаи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D021302 – забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Ҳамроев Қурбоназар Маҳмарасулович тахти унвони «Таҳлили луғавӣ-грамматикии истилоҳоти маориф дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», ба яке аз масъалаҳои муҳими забоншиносӣ бахшида шудааст.

Имрӯз, ки Тоҷикистон ба сифати як кишвари дар ҳоли мутараққии олам шинохта шудааст, донишмандони тамоми соҳаҳо ва аз он ҷумла забоншиносонро лозим аст, ки вожаву истилоҳоти ҳар як соҳаи ҷудогонаро таҳияву тадвин намуда, бо шарҳу тавзеҳи илмӣ ба дастандаркорон пешниҳод намоянд.

Мусаллам  аст, ки омӯзиши забони англисӣ роҳро ба сӯйи уфуқҳои нави дониш, иттилоот дар соҳаҳо, ҳамкориҳои судманди иқтисодӣ ва фарҳангӣ боз мекунад. Илова бар ин, донистани забони англисӣ барои муаррифии таъриху тамаддун ва миллати фарҳангсолору куҳанбунёди тоҷик мусоидат намуда, муоширати байни миллатҳоро таъмин менамояд. Ҳамчунин, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати илму техника омӯзиши забони англисӣ ниҳоят муҳим аст, зеро ин забон, яке аз забонҳои муоширати байналмилалӣ эътироф шудааст.

**Навгонии мавзуи таҳқиқ.** Навгонии мавзуи таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки дар забоншиносии муқоисавӣ истилоҳоти маориф бори нахуст аз лиҳози муқоисаву муқобала мавриди таҳлил ва таҳқиқи амиқи илмӣ қарор дода шудааст. Дар диссертатсия инчунин хусусиятҳои луғавию маъноӣ ва сохторию корбурдии истилоҳоти маориф муайян гардидааст. Дар заминаи таҳқиқ таҳияву нашри луғати истилоҳоти маориф забонҳои тоҷикӣ-русӣ ва англисӣ дар назар аст.

Масъалаи омӯзиши истилоҳот дар забоншиносии тоҷик аз солҳои сиюми садаи XX маншаъ гирифта, то ҳоли ҳозир муҳаққиқону забоншиносон ва истилоҳшиносон ба таҳқиқу баррасии истилоҳоти соҳаҳои мухталифи ҷомиа машғуланд. Аввалин рисолаҳои таҳқиқотие, ки ба истилоҳоти ин ё он соҳа мансуб бошад, дар забоншиносии тоҷик ба солҳои ҳафтодуми қарни гузашта рост меояд.

Пасон, бархе аз забонишиносону истилоҳшиносони тоҷик, аз қабили Ш. Рустамов [1987], Н. Шаропов [1972], М. Қосимова [2013], Д. Саймиддинов [2003], М.Ҳ. Султон [1998; 2008], С. Назарзода [1994; 2004], Т. Шокиров [2011], П. Нуров [1999; 2017] ва дигарон истилоҳоти соҳаҳои гуногунро бар мабнои ин ё он асари илмиву ҷуғрофӣ ва ё таърихиву иқтисодӣ дар шакли мақолаву рисола ва асари илмӣ таҳлилу баррасӣ намуданд.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлили луғавӣ-грамматикии истилоҳоти маориф дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба шумор меравад.

Натиҷаҳои бадастомадае, ки зимни пажӯҳиши мавзуъ ба даст омадаанд, дорои арзиши илмию амалӣ мебошанд. Қоидаҳо хулосаҳо ва тавсияҳои илмие, ки дар диссертатсия тавсият ёфтаанд, бо методологияи муносибати системавӣ, консепсияи илмии ташхиси забоншиносӣ асоснок карда шуда, ба методҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот такя мекунад, ки бешак ҳамчун маводи зарурӣ ҷиҳати татбиқ дар истеҳсолот кумак мекунанд.

**Таҳқиқоти** диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси илмии 6D021302–Забоншиносии муқоисавӣ–таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ мутобиқат менамояд Хулоса ва тавсияҳое, ки дар рисола оварда шудаанд, бо методологияи муносибати системавӣ, консепсияи илмии ташхиси лингвистӣ асоснок гардида, ба методҳои назариявии таҳқиқот такя мекунанд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, 178 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

Дар муқаддимаи диссертатсия роҷеъ ба мубрамии таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсад ва вазифаҳо, навоварии илмии таҳқиқ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ, коркарди мавзуъ, методҳои таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, сохтор ва ҳаҷми рисола маълумот дарҷ гардидааст.

Ҳар як боби рисола бо хулосаҳои мушаххас ва дақиқ ҳаллу фасл гаштааст.

Автореферати диссертатсияи **Ҳамроев Қурбоназар Маҳмарасулович** пурмазмун буда, мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд. Вале бо вуҷуди комёбиҳо дар фишурда баъзе нуқсонҳо ба назар мерасанд:

1. Матни русии автореферат бо матни тоҷикӣ пурра мувофиқат намояд ҳам, аммо каме таҳрирталаб буда, дар он қоидаҳои дастурӣ ва имлоӣ баъзан сарфи назар шудаанд.;

2. Забони рисола равону илмӣ бошад ҳам, гоҳо ҷумлаҳои носуфта ба назар мерасад.

3. Дар автореферати диссертатсия ҷо ҷо ғалатҳои имлоӣ ба чашм мерасад;

Эродҳои номбаршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии ин корро паст намекунанд ва онҳоро муаллиф метавонад дар таҳқиқотҳои оянда ислоҳ намояд.

Хулоса, таҳқиқот дар сатҳи лозимии илмӣ сурат гирифтааст. Ҳамроев Қурбоназар Маҳмарасулович тавонистааст аз адабиёти зиёд истифодабарӣ намояду мавзӯи илмиашро асоснок намояд.

Нашри мақолаҳои илмӣ ва баромадҳо дар конфронсҳо гувоҳӣ медиҳад, ки муаллифи рисола муҳаққиқи хуби илмӣ мебошад.

Автореферати диссертатсия ва 9 мақолаи диссертант, ки 5-тои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд, пурра мундариҷаи диссертатсияро инъикос менамоянд Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи Ҳамроев Қурбоназар Маҳмарасулович дар мавзуи «Таҳлили

луғавӣ-грамматикии истилоҳоти маориф дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ба талаботи бандхои 31-33 - и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгу мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 6D021302 – забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои филологӣ,
муаллими калони кафедраи тарҷума ва
грамматикаи забони англисии МДТ- и
"ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" **Усмонова Рухшона Раҳматовна**

Имзои Усмонов Р.Р.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ- и "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" **Ҳусейнова З.С.**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд
гузаргоҳи Мавлонбеков, 1
**Телефон:** 92 973 32 37
**E-mail:** usmonova.rukhshona@mail.ru 18.10.2024с.